**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат)**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, чунки фаъолияти ноустувор ва суръати бетағйири фаъолияти сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ таъсири мусбӣ расонида наметавонад. Чунин ҳолат зарурияти тақвият додани таҳқиқот дар самти ошкор намудани роҳҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузориро дар мамлакат талаб мекунад.

Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва таҳкими мавқеъияти рақобатии он дар арсаи байналхалқӣ аз сатҳи саноатикунонии кишвар ва рушди бемайлони бахшҳои саноат бо таваҷҷӯҳ ба суръат бахшидан ба равандҳои сармоягузорӣ бо истифода аз роҳу усулҳои муосири ташкил ва идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ, ки равиши кластерӣ аз муҳимтарин шаклҳои он мебошад, вобастагии зиёд дорад. Сармоягузорӣ ба унвони муҳимтарин омили рушди иқтисоди миллӣ ва суръат бахшидан ба раванди такрористеҳсоли неъматҳои моддиву маънавӣ шинохта шудааст, ки аҳамияти он дар бахши саноат зарурати бознигарии низоми идоракунии корхонаҳои саноатиро бо таваҷҷӯҳ ба татбиқи роҳу равишҳои бунёди кластерҳои минтақавӣ ба миён овардааст. Маҳз ба ҳамин сабаб зарурати пайваста мавриди тадқиқ ва омӯзиши системавӣ қарор додани он аз ниёзҳои стратегии идоракунии корхонаҳои саноатӣ ба шумор меравад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки зикри онҳоро ҷоиз медонем:

1. Муаллиф ба масоили омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи кластер кам таваҷҷӯҳ намудааст;

2. Муаллиф дар бораи ташаккул ва инкишофи кластерҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳо ва хулосаҳои зарурии худро пешниҳод

намудааст, аммо нисбати таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёти ҶТ кам таваҷҷӯҳ намудааст;

3. Дар автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ қимати тадқиқоти назариявӣ ва амалии рисоларо кам намекунанд ва ислоҳи онҳо хусусияти пешниҳодӣ доранд. Фишурдаи таҳқиқоти илмии дар шакли автореферат пешниҳодгардида ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, мавзӯи интихобшуда илман ҳаллу фасл гардидааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) пешниҳод шудааст ба ҳама талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мушовири ректори
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон С. Камалитдинов

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3 ,
тел: 91900 3344
Email: ksubkhon@inbox.ru

Имзои н.и.и,дотсент С. Камалитдиновро
тасдиқ менамоям: Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДТТ Бухорив Н.А.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШӮЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ